**Ҳисоботи**
**Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024**

Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди раванди таълиму тарбия нақши муҳим дошта, фаъолияти худро тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2024 ба роҳ монда, дар самти роҳандозӣ намудани низоми корҳои таълимию методӣ, таҳия ва чопи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводи методӣ, расонидани кумакҳои методӣ вобаста ба беҳдошти раванди таълиму тарбия, иҷрои барномаву стратегия, стандартҳо ва масъалаҳои ислоҳоти соҳа, як қатор корҳоро ба анҷом расонид.

Тибқи нақша дар соли 2024 баррасии 46 масъала, аз ҷумла 2 масъала дар назди муовини якуми вазири маориф ва илм, 6 масъала дар назди муовинони вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (Р. Каримзода, Л. Абдулхолиқзода), 17 масъала дар Шурои методӣ, 21 масъала дар ҷаласаи назоратии назди директори Марказ, инчунин 23 семинар ва таҳияи 18 дастури методӣ ба нақша гирифта шуда, ҳамагӣ сари вақт баррасӣ гашта, қарору тавсияҳои методии зарурӣ қабул карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба Марказ 422 ҳуҷҷат ворид гардид, ки 144 ҳуҷҷат ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 51 ҳуҷҷат ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, 45 ҳуҷҷат ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, 24 ҳуҷҷат ба муассисаҳои томактабӣ, 115 ҳуҷҷат ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва 41 ҳуҷҷат ба дигар сохтору ташкилотҳо рост меоянд.

Вобаста ба ин аз Марказ 513 ҳуҷҷат, аз ҷумла 217 ҳуҷҷат ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 46 ҳуҷҷат ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ, 57 ҳуҷҷат ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, 23 ҳуҷҷат ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, 121 ҳуҷҷат ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, 49 ҳуҷҷат ба дигар муассисаҳои зерсохтори Вазорати маориф ва илм содир шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ 145 фармоиши директори Марказ оид ба масъалаҳои гуногун ба тасвиб расидааст.

Аз моҳи январи соли 2024 то инҷониб шартномаҳои меҳнатии кормандон аз диди нав таҳия гардида, аз ҷониби роҳбари Марказ ба имзо расид.

**Дар самти томактабӣ** вобаста ба вазъи таълим ва иҷрои “Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2025” масъалаҳои “Истифодаи самараноки нақшаҳои таълимӣ дар муассисаҳои томактабии ноҳияҳои Б.Ғафуров, Ҷ. Расулов ва Спитамени вилояти Суғд, “Вазъи фаъолияти раёсат ва шуъбаҳои маориф” ва иҷрои “Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2025” дар шаҳри Кӯлоб,

ноҳияҳои Данғара, Фархор, Восеъ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Темурмалик, Муъминобод, Ҷайҳун, Носири Хусрав ва Панҷи вилояти Хатлон, “Вазъи ҳуҷҷатгузории муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакон”-и шаҳрҳои Ваҳдат, Роғун, Левакат ва ноҳияҳои Рӯдакию Файзободи минтақаи Ҳисор, “Рафти машғулиятҳои таълимӣ аз рӯйи Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабии “Рангинкамон” дар ноҳияи Шаҳринав дар 82 муассисаи таҳсилоти томактабии давлатӣ, хусусӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакон мавриди омӯзиш қарор гирифта, ба кормандони ин муассисаҳо тавассути тасияҳо кумакҳои методӣ расонида шуд.

Дар ин давра нақшаи таълимии 7 муассисаи томактабии хусусӣ, ки навтаъсис мебошанд, ташхис гардида, ба 13 муассисаи томактабии хусусӣ барои таҳияи нақшаи таълимӣ барои солҳои таҳсили 2024-2025 ва солҳои минбаъда кумак расонида шуд.

Илова ба ин ба маводи таълимию тавсиявӣ:“Психологияи муқоисавӣ ва зоопсихология”, “Инкишофи психикии кӯдакон тавассути бозиҳои сюжетӣ - нақшдор”, “Дақиқаҳои ҷисмонӣ барои кӯдакон”, “Бозиҳои дидактикӣ барои томактабиён”, “Суробсозӣ дар кӯдакистон”, “Ғунчаҳои тарона”, «Методикаи таълими мусиқии халқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ», «Занбӯраки асалдор», ки аз Пажуҳишгоҳи рушди маориф, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Мактаби байналмилалии Президентӣ ва Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ворид шуданд, тақриз навишта шуд.

**Вобаста ба масъалаҳои ташкили семинар ва машваратҳои дастурдиҳӣ дар самти томактабӣ** Марказ дар шаҳри Ваҳдат, ноҳияҳои Рудакӣ, Носири Хусрав, Ҷайҳун дар мавзуи “Вазъи баргузории машғулиятҳои таълимӣ дар асоси талаботи Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабии “Рангинкамон”, дар ноҳияҳои Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Темурмалик дар мавзуи “Коргузорӣ ва ҳуҷҷатдорӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ” дар минтақаи Ҳисор дар мавзуи “Ташкил ва баргузор намудани Шурои педагогӣ”, “Таҳияи нақшаи корӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ” бо фарогирии 111 нафар кормандони педагогӣ 8 семинар гузаронид.

Ба 94 нафар кормандони муассисаҳои таҳсилоти томактабии ҷумҳурӣ доир ба “Коргузорӣ ва ҳуҷҷатдорӣ”, “Ҳуҷҷатгузории кабинети методӣ”, “Таҳияи нақшаи кории ҳафтаинаи мураббия”, “Таҳияи нақша – чорабиниҳо ва иҷрои бандҳои он”, “Ёрӣ ба мутахассисони ҷавон”, “Интихоб ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами мураббия”, “Баргузории машғулиятҳои таълимӣ дар асоси Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ”, “Кор дар маркази инкишофи кӯдакон”, “Таҳлили раванди таълиму тарбия”, “Таҳлили машғулиятҳои кушод”, “Ташкил ва баргузории Шурои педагогӣ дар муассисаҳои томактабӣ”, “Таҳияи нақшаи корӣ ва иҷрои бандҳои он” дастуру маслиҳатҳои методӣ дода шуд.

Дар ин самт Марказ дастурҳои таълимӣ – ёридиҳанда, аз ҷумла “Дониши томактабиёнро месанҷем” (барои кӯдакони синни 7-сола, қисми I), “Математика, таҳия ва ҳал намудани супоришҳо” (барои кӯдакони синни 7-сола), “Расмкашӣ бо кӯдакони синни 3 - 4- сола”, “Расмкашӣ бо кӯдакони синни 4 -5- сола”, “Расмкашӣ бо кӯдакони синни 6 - 7-сола”, “Донишандӯзӣ” (барои кӯдакони синни 7 - сола, қисми - II), “Ҳарфҳоро меомӯзем”, “Усулҳои технология кор бо кӯдакон - хонандагони лаёқатманд”, “Истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ дар раванди ташаккули мафҳуми математикии ибтидоӣ дар кӯдакони синни томактабӣ”, “Методологияи кор бо кӯдакони боистеъдод”, “Донишнома”, “Я изучаю русский язык” таҳия ва барои чоп пешниҳод намуд.

Вобаста ба ин самт мақолаҳо таҳти унвони “Нақши муассисаи томактабӣ дар тарбия ва рушди кӯдак”, “Об – сарчашмаи ҳаёт” дар маҷаллаи “Субҳи умед”-ро таҳия ба ва чоп расонид.

**Дар зинаи таҳсилоти умумӣ** Марказ оид ба татбиқи ҳадафҳои “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраҳои то соли 2030”, “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон намудани солҳои 2020-2040”, “Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025”, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-августи соли 2019, №438 “Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраҳои 2030” ва дигар барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф чораҳои мушаххас роҳандозӣ намуд.

Ҷамъбасти “Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025”дар раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар соли 2024 маълум сохт, ки аз 2056 кабинетҳои фаннӣ банақшагирифташуда 1994 (96,9%) адад кабинет харидорӣ карда шудааст.

Аз ҷумла, соли 2024 дар шаҳри Душанбе аз 98 кабинет 100%, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 149 кабинети фаннӣ 61 кабинет (40,9%), вилояти Суғд аз 634 кабинети фаннӣ 667 кабинет (105,2%), вилояти Хатлон аз 791 кабинети фаннӣ 857 адад (108,3%) ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 385 кабинети фаннӣ 311 адад (80,8%) таъмин гардидааст.

Марказ соли 2024 вобаста ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумхурии Тоҷикистон оид ба амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои солҳои 2020-2025 дар самти таҳия ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар ҳамкорӣ бо омузгорони пуртаҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 16 номгуй дастурҳои методӣ ва 7 номгуй «Маҷмуи масъалаҳо» аз

фанҳои математика, химия, физика, биология ва география барои ҳамаи зинаҳои таҳсилотро таҳия ва чоп намуда, дастраси муассисаҳои таҳсилоти умумӣ гардонид.

Соли 2024 тибқи нақша вобаста ба беҳдошти раванди таълим ва баланд бардоштани сифати таҳсилот фаъолияти раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтари вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати амалӣ намудани «Низоми баҳогузории 10 хола ва меъёрҳои арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишӣ", "Вазъи таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтари вилояти Хатлон ва ноҳияҳои минтақаи Рашт", "Рафти омодагӣ ба аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ (интихобан)", "Ннатиҷагирӣ аз машваратҳои августии омӯзгорон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумхурӣ" мавриди омӯзиш қарор гирифт. Омӯзиш нишон дод, ки ҷиҳати таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтари вилояти Хатлон ва минтақаи Рашт як қатор тадбирҳо андешида шуда бошанд ҳам, ҷиҳати иҷрои барномаи мазкур аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои мавриди омӯзиш қарор гирифта корҳои мушаххас ба таври бояду шояд амалӣ нагардидаанд.

Тибқи талаботи замимаҳои (1, 2, 3, 4 ва 5) Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025 дар вилояти Хатлон тайи солҳои 2021-2023 аз 822 кабинети фаннӣ 801 кабинет (97,4%) ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 400 кабинети фаннӣ 146 адад (36,5%) харидорӣ гардидааст

Тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот, сатҳи дониш, малака ва маҳорати амалии хонандагон, ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, муайян намудани сатҳи воқеии дониши хонандагон, ҳавасмандгардонӣ ва омода намудани онҳо дар зинаҳои минбаъдаи таҳсил, баҳогузории воқеӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон Марказ дар ҳамкорӣ бо гурӯҳи кории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Дастурамал ва меъёрҳои баҳогузории 10-хола ба дониш, малака ва маҳорати хонандагони муассисаҳои таъсилотӣ умумии озмоиширо таҳия намуд ва бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.10.2023, 16/27 тасдиқ гардид. Барои ба таври самаранок амалӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим аз рӯйи низоми баҳогузории 10-хола ва меъёрҳои арзёбӣ дар 140 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ озмоиш қарор дорад.

Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ фаъолияти як қатор раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтари вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати амалӣ намудани низоми баҳогузории 10 хола ва меъёрҳои арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишӣ мавриди омӯзиш қарор дод. Омӯзиш нишон дод, ки ҷиҳати амалӣ намудани низоми баҳогузории 10 хола ва меъёрҳои арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишӣ корҳои зиёде ба анҷом дода шуда бошад ҳам, ҳанӯз дар ин самт мушкилоти зиёд, бахусус дар самти касбияти омӯзгорон ба назар мерасад.

Омӯзиши вазъи рафти омодагӣ ва баргузории аттестатсияҳои аз синф ба синф гузаронидан ва хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нишон дод, ки дар баробари корҳои анҷомдода шуда, масъулини раёсат, шуъбаҳои маориф, бахусус кормандони кабинети методӣ ва маъмурияти муассисаҳои таълимӣ дар иҷрои фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.02.2024, №157 “Дар бораи анҷоми соли таҳсили 2023-2024, аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” тибқи талаботҳои “Дастурамали аз синф ба синф гузаронидани хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Тартиби аттестатсияи хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бемасъулиятӣ зоҳир намудаанд. Омӯзишҳо нишон доданд, ки камбудиҳои ошкор гардида, бештар ба банди 46-и “Дастурамали аз синф ба синф гузаронидани хонандагон” дар бораи тартиби ҷамъбасти баҳои чорякӣ ва солонаи хонандагон”, бандҳои 12, 13, 19, 20, 25, 26 дар бораи комиссияи аттестатсионӣ ва талаботи гузаронидани аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм, банди 58 “Оид ба қарори Шӯрои педагогӣ ва фармоиши директор дар бораи аз синф ба синф гузаронидан ва банди 13-и фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.02.2024, №157 “Дар бораи анҷоми соли таҳсили 2023-2024, аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, оид ба таҳия, баррасӣ ва тартиби маҳфуз нигоҳ доштани маводи иловагии аттестатсияи шифоҳии аз синф ба синф гузаронидан ва хатм, нусхаи (вариантҳои) асосӣ ва захиравиикорҳои хаттӣ, саволномаҳои шифоҳӣ ва тестӣ ”ва риоя накардани меъёри баҳодиҳӣ ба дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон мансуб мебошанд.

Аз саволу ҷавоб бо хонандагон дар аттестатсияи шифоҳӣ маълум гардид, ки фаъолияти азхудкунии хонандагон ва сатҳу сифати дониши онҳо ба талабот ҷавобгӯ набуда, онҳо ба саволҳои оддӣ ҷавоби саҳеҳ дода наметавонанд. Тайёрии хонандагон барои супоридани аттестатсия дар зинаи паст қарор дошта, ба оддитарин саволҳо ҷавоби дурусту қонеъкунанда дода наметавонанд.

Ҳатто хонандагоне, ки дар давоми соли таҳсил фаннеро бо баҳои “4” ва “5” ҷамъбаст намудаанд, ба саволномаҳои аттестатсия ба ғайр аз 1-2 ҷумлаи қориазёд чизи дигар гуфта наметавонанд.

Аз тартиби ҳалли мисолу масъалаҳои аттестатсия аз фанҳои дақиқ ва риёзӣ хулоса мегардад, ки дар аксарияти муассисаҳои таҳсилоти умумии мавриди санҷиш қароргирифта хонандагон ҳалли мисолу масъалаҳоро аз ҳамдигар руйбардор намудаанд.

Хонандагон муҳтавои навиштани эссеро дуруст дарк накардаанд. Аз мутолиаи кори хаттӣ (эссе)-и навиштаи хонандагон бармеояд, ки навиштаҳои онҳо такрори якдигаранд. Комиссияи аттестатсионӣ бошад рӯйбардоркунии корҳои хаттии хонандагонро сарфи назар намуда, ба яке баҳои 5/4 гузоштааст, кори хаттии хонандаи дигареро носанҷида баҳои 3/3 гузоштааст. Тақризҳои ба корҳои хаттии хонандагон, махсусан эссе барои баҳои 5/5 ва 2/2 бисёр фишурда навишта шуда, мақсаду муҳтавои мавзуи эссе, услуби баёни хонанда, ҷавобгӯй будани навиштани эссе ба талабот ва хулосаи хонанда шарҳу тавзеҳ дода нашудааст.

Омӯзиши натиҷагирӣ аз машваратҳои августии омӯзгорон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нишон дод, ки дар аксарияти раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои мавриди омӯзиш қарор дода шуда, маърузаҳои дар бахшҳои фаннӣ ва роҳбарикунандаи машваратҳои августии омӯзгорон баррасӣ гардида, мазмунан хароб буда, дар онҳо таҷрибаи пешқадами педагогӣ, эҷодкорӣ истифодаи технологияи иттилоотии муосир дар раванди таълим, муайянкунии роҳҳои самарабахши баланд бардоштани сатҳ ва сифати таҳсилот, ташаккули ташаббуси эҷодӣ ва завқи касбии онҳо, истифодаи усулҳои фаъоли таълим тағриби дастовардҳои илмӣ-педагогӣ кам ба назар расида, дар такмили илмӣ-методӣ ва маҳорати касбии омӯзгорон, роҳбарони синф, китобдорон, мураббиён, раисони созмони хонандагон ва директорону муовинони онҳо таконбахш нестанд. Аксари маърӯзаҳо бе нақшаи корӣ навишта шуда, бетақриз дар барномаҳо ворид карда шуда, баромадҳо бо истифода аз технологияи иттилоотии муосир манзур нагардиданд.

Соли 2024 46 нақшаи таълимии муассисаи таҳсилоти умумии ғайридавлатӣ (хусусӣ), 10 нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии назди Вазорату кумитаҳо ва сохтори донишгоҳу донишкадаҳо, 6 нақшаи таълимии мактаб-интернатҳо барои кӯдакони ятим ва имкониятҳои махсусдошта, 4 нақшаи таълимии мактабҳои Президентӣ, 2 нақшаи таълимии литсей барои хонандагони болаёқати мақоми ҷумҳуриявӣ дошта ва 1 нақшаи таълимии гимназияи барои хонандагони болаёқати мақоми ҷумҳуриявӣ дошта мавриди ташхис қарор гирифта барои тасдиқ ба муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки дар маҷмуъ 44,2%-и муассисаҳои дар боло нишондодаро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли таҳсили 2023-2024 16 адад кам мебошад. Раванди ташхис нишон медиҳад, ки дар таҳияи нақшаи таълимӣ роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳанӯз ба

муҳтавои “Нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2024 ва солҳои минбаъда”, ки бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми майи соли 2023, №8/1 тасдиқ гардидааст, ба пуррагӣ сарфаҳм намераванд. Онҳо дар интихоби замимаҳои нақшаи таълимӣ ва тақсимоти соатҳои иловагии нақшаи таълимӣ тибқи нишондод барои намуди муассисаи таълимӣ ба камбудиҳо роҳ медиҳанд, ки ба раванди ташхис мушкилот эҷод менамояд.

Омӯзиши вазъи истифодаи самараноки соатҳои нақшаи таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳрҳои Роғун, Норак, ноҳияҳои Данғара, Хуросон, Вахш ва Нуробод нишон дод, ки тибқи нишондоди Нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2024 ва солҳои минбаъда 230159 соат пешбинӣ гардида, аз ин миқдор 228177 соат (99,2%) ба омӯзгорон тақсим гардидааст.

Соатҳо чунин тақсимбандӣ шудааст:

211691 соат (92,7%) ба омӯзгорони соҳибихтисос;

14646  соат (6,4%) ба омӯзгорони ғайриихтисос;

1977 соат (0,8%) вакант.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъи тақсими мақсадноки соатҳои нақшаи таълимӣ дар шаҳри Норак ва ноҳияи Данғара нисбатан беҳтар бошад ҳам, вазъ дар шаҳрҳои Роғун, ноҳияҳои Хуросон, Вахш ва Нуробод нигароникунанда мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои мавриди омӯзиш қароргирифта 1977 соат дар захира (вакант) қарор дорад, ки аз рӯи 1,5 воҳиди корӣ ба 74 омӯзгор ва аз рӯи 1 воҳиди корӣ ба 110 омӯзгор рост меояд.

Дар шаҳру ноҳияҳои мавриди омӯзиш қароргирифта 11410 соат ба омӯзгорони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз рӯи 1,5 воҳиди кор ба 423 омӯзгор ва аз рӯи 1 воҳиди корӣ 634 омӯзгорро ташкил медиҳад, тақсим шудааст.

Таҳлил нишон дод,ки ҷалби хонандагон ба синфҳои таълими равиявӣ нисбатан дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Данғара беҳтар буда, дар дигар муассисаҳои таҳсилоти умумии  мавриди омӯзиш қароргирифта қонеъкунанда нест.

Яке аз омили дигари ба танзим даровардани раванди таълиму тарбия мақсаднок истифода бурдани соатҳои ҷудогардида ва ба даст овардани нишондиҳандаҳо дар самти сатҳу сифати таълим ба зергуруҳҳо ҷудо намудани хонандагони синфҳо аз фанҳои ҷудогона мебошад. дар ин самт дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳрҳои Роғун, Норак, ноҳияҳои Данғара, Хуросон, Вахш ва Нуробод ҳамагӣ 1367 соати таълимӣ дар зергурӯҳҳо таълим дода мешаваду халос.

Натиҷаи омӯзиши вазъи таълими фанҳои дақиқ ва табиӣ- риёзӣ дар муассисаҳои  таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Ҳисор собит намуд, ки аз 5621 нафар омӯзгорони фанҳои дақиқ ва табиӣ- риёзӣ 393

нафар (7%) донишҷу буда, 1333 нафар (23,7%) омӯзгорони фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ дараҷаи тахассусӣ надоранд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Ҳисор дар самти фанҳои дақиқ ва табиӣ-риёзӣ 995 иттиҳодияҳои методӣ амал мекунанд, ки 6736 нафар омӯзгорро дар бар гирифтааст.

32394 нафар хонандагони синфҳои 7-11 дар синфҳои равияи табиӣ-математикӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Тақсимоти самараноки соатҳои таълимӣ ва рафти иҷрои барномаҳои таълимӣ, меъёри корҳои хаттӣ, лабораторӣ аз фанҳои табии-риёзӣ дар шаҳру ноҳияҳои мавриди омӯзиш қарор гирифта беҳтар бошад ҳам, аммо бо норасоии кадрҳои педагогӣ дар як қатор муассисаҳои таълимии шаҳри Ваҳдат, ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Варзоб соатҳои захиравӣ ва иҷро нагардидани барномаҳои таълимӣ то ҳоло ҷой доранд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Рӯдаки 1016 соат, шаҳри Ваҳдат 940 соат ва ноҳияи Варзоб 465 соат, дар маҷмуъ 2421 соат дар захира қарор дошта, аз руи як воҳиди корӣ ба 134 омӯзгор рост меояд. Илова ба ин дар шаҳру ноҳияҳои мавриди омӯзиш қарор гирифта аз фанҳои дақиқ 5565 соатро омӯзгорони ғайриихтисос таълим медиҳанд, ки 2,1%-и ҷамъи соатҳои таълимиро аз фанҳои табиӣ-риёзӣ ташкил медиҳад, ки ин низ як омили паст гардидани сифати таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ мебошад.

Аз омӯзиши вазъи фаъолияти хадамоти методӣ дар самти дарёфт, омӯзиш ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва расонидани кумаки методӣ ба омӯзгорони ҷавон дар шаҳрҳои Бохтар, Норак ва ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Ёвон, Кӯшониён, Носири Хусрав, Қубодиён, Дӯстӣ ва расонидани кумаки методӣ ба онҳо дар ин самт хулоса мешавад, ки вазъи фаълоияти хадамоти методӣ дар онҳо чандон қонеъкунанда набуда, алоқаи онҳо бо кабинетҳои методи шуъбаҳои маориф суст буда, Шурои методӣ ва иттиҳодияҳои методии омӯзгорони фаннӣ дар самти омӯзиш ва тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогӣ, расондани ёрии методӣ ба омӯзгорони ҷавон, дастгирии фаъолияти самарабахши иттиҳодияҳои методӣ дар ташкил намудани шароити созгор ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳмондани фаъолияти онҳо, коркард ва амалӣ намудани барномаҳои ташакулёфтаи таълимӣ, мусоидат намудан дар самти амалӣ гардидани нақша ва барномаҳои давлатӣ оид ба маориф, омода ва чоп намудани дастуру тавсияҳо ва мақолаҳои методӣ барои муассисаҳои таълимӣ дар сатҳи ҳудуди фаъолият, омӯзиш ва таҳили вазъи воқеии раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ кам таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар ин самт камбудиҳои зиёд вуҷуд дорад.

Таҳлили вазъи хадамоти методӣ дар мактаб-интернатҳои ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятиму бепарастор дар ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Ёвон ва мактаб-интернати барои кӯдакони ятими ноҳияи Вахши вилояти Хатлон, расонидани кумаки методӣ дар ин самт нишон дод, ки маъмурияти мактаб-интернатҳои мазкур дар ин самт як қатор корҳоро ба анҷом расонида бошанд ҳам, нақшаи кори Шурои

методии мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятими ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ мукаммал нест.

Вазъи иҷрои барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтари вилояти Хатлон ва минтақаи Рашти ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки иҷрои барномаҳои таълимӣ дар ноҳияҳои Лахш, Тоҷикобод, Рашт ва Нуробод бо назардошти ҷадвалҳои иловагӣ 96,3% иҷро гардад.

Дар ноҳияи Нуробод як қатор фанҳоро ба омӯзгорони ихтисосҳои ғайрипедагогӣ: инжинер 3 нафар, духтур 1 нафар, муҳосиб 4 нафар, иқтисодчи 6 нафар, хизматрасонии иҷтимоӣ-мадани ва туризм 3 нафар тақсим шудаанд.

Дар минтақаи Рашт дар синфҳои 7-11 равияҳои табиӣ-математикӣ ва ҷамъиятӣ-гуманитарӣ 49 синф бо фарогирии 911 нафар хонанда ташкил гардида, нигароникунанда аст. Танҳо дар 16 муассисаи таълимӣ 1917 соат аз фанҳои забонҳои русӣ, хориҷӣ, техналогияи иттилоотӣ ва техналогия (таълими меҳнат) ба зергурӯҳҳо тақсим шудааст, ки қонеъкунанда нест.

Дар ноҳияи Рашт дар соли таҳсили 2023-2024 аз 121697 соати таълимии дар нақшаи таълимӣ пешбиниӣ гардида 517 соат аз сабаби норасогии омӯзгор дар захира буд, ки 51 соат ба синфҳои ибтидоӣ, 27 соат ба фанни забони русӣ ва 24 соат ба фанни забони англисӣ мансуб мебошад.

Дар ноҳияи Тоҷикобод дар соли таҳсили 6373 соат ба омӯзгорони ғайриихтисос тақсим карда шуда, 357 соат дар захира буд.

Дар самти татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои Восеъ, Муъминобод ва шаҳри Кӯлоб омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҷиҳати амалисозии салоҳиятҳои коммуникативӣ, эҷодкорӣ, ҳамкорӣ ва тафаккури интиқолӣ мушкилӣ мекашанд.

Омӯзиши вазъи фарогирии кудакони синни мактабӣ ба синфи якум ва татбиқи Барномаи давраи мутобиқшавии хонандагони синфи якум ба муҳити муассисаи таълимӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Истаравшан, Норак ва ноҳияҳои Сино, И. Сомонӣ, Б.Ғафуров, Ҷ.Расулов, Айнӣ, Спитамен, Шаҳристон, Данғара, Хуросон, Ёвон, А.Ҷомӣ собит намуд, ки вобаста ба масъалаи мазкур масъулин нисбат ба солҳои таҳсили пешин масъулияти баландтар зоҳир намуда, ҷиҳати иҷрои нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи давраи мутобиқшавии хонандагони синфи якум дар муассисаи таълимӣ, муносибат дар фарогирии кудакони синни 7- сола дар ин давра, ташкили шароит ва ташкили реҷаи ягонаи мактабӣ ташкили фаъолияти берун аз дарс, ҳамоҳангии фаъолияти ҳайати омӯзгорон дар давраи мутобиқшавӣ, тартиби қабул ба синфи якум, тарзи ташкили фаъолияти таълимӣ дар давраи мутобиқшавӣ ба муҳити муассисаи таълимӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонидаанд.

Гузаронидани семинар-машваратҳои дастурдиҳӣ бо мақсади расонидани кӯмаки методӣ ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани вазъи

хадамоти методӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Марказ ба шумор рафта, дар давраи ҳисоботӣ 62 семинарҳои фаҳмондадиҳӣ, машваратӣ ва дастурдиҳӣ дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар мавзуъҳои “Гузариш ба низоми баҳогузории 10 хола”, “Таҷҳизонидани кабинетҳои фаннӣ тибқи талаботи татбиқи “Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.04.2021, №114), “Ташкилу гузаронидани омӯзишҳо ва расонидани кумаки методӣ ба донишҷӯёни курсҳои 4-5, ки ба фаъолияти омӯзгорӣ ҷалб шудаанд”, “Методологияи муттасили рушди касбии омӯзгор”, “Хадамоти методӣ-омили муҳими рушди касбии омӯзгор”, “Оид ба анҷоми соли таҳсили 2023-2024 ва аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамали аз синф ба синф гузаронидан ва Тартиби аттестатсияи хатм дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Мо зидди коррупсия дар соҳаи маориф” ва “Муқовимат ба экстремизм, терроризм - омили муҳими пойдории сулҳу амнияти кишвар” гузаронида шуд, ки дар онҳо зиёда аз 2500 нафар омӯзгор иштирок варзид ва ин нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 2 адад ва шумораи иштирокчиёни он 96 нафар зиёд мебошад.

Соли 2024 ба 52 санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, маводи таълимию методӣ ва дигар дастуру маводи ёрирасони ворид гардида тақриз навишта шуда, 11 ҳуҷҷат барои коркарди такрорӣ баргардонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 15 адад кам мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар самти таҳсилоти умумӣ 16 дастури методӣ ва 31 мақолаи методӣ дар мавзуъҳои гуногун таҳия гардида, дар маҷаллаҳои “Масъалаҳои методикаи таълим”, «Маорифи Тоҷикистон», “Омӯзгор”, “Минбари халқ” ва “Субҳи умед” чоп гардиданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 16 адад дастури методӣ ва 3 мақолаи методӣ зиёд аст.

Дар давраи ҳисоботӣ оид ба мавзуъҳои гуногуни соҳаи маориф 3 маротиба дар шабакаҳои телевизионии “Тоҷикистон”, “Сафина” ва “Ҷаҳоннамо” ва 3 маротиба дар барномаи “Маърифат”-и радиои Тоҷикистон баромаду гузоришҳо доир гардид.

**Дар самти таҳсилоти ибтидоӣ миёнаи касбӣ** ба Марказ 35 дархост оид ба ташхиси нақшаҳои таълимӣ ворид шуда, 58 нақшаҳои таълимии тахассусҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз ҷумла Коллеҷи тиббии шаҳри Ваҳдат (6 ихтисос) “Кори фармасевтӣ”, “Кори ҳамширагӣ” дар заминаи сифи 9 ва 11, “Кори момодоягӣ”, “Кори тиббӣ-офиятӣ”, “Кори дандонсозӣ” ва “Кори тиббӣ-ташхисӣ” дар заминаи таҳсилоти синфи 11, муассисаи ғайридавлатии “Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоӣ” дар ноҳияи Данғара (6 ихтисос) “Кори табобатӣ”, “Кори момодоягӣ”, “Кори ҳамширагӣ”, “Кори фармасевтӣ”, “Кори

дандонсозӣ”, “Кори тиббию профилактикӣ” ва “Кори тиббию ташхисӣ”, Коллеҷи технологӣ – фармасевтии Тоҷикистон дар шахри Ёвон (7 ихтисос) “Кори момодоягӣ”, “Кори ҳамширагӣ”, “Кори фармасевтӣ”, “Кори табобатӣ”, “Кори дандонсозӣ”, “Технологияи истеҳсоли саноати фармасевтӣ” ва “Кори тиббию ташхисӣ”, Коллеҷи тиббии шаҳри Турсунзода (6 ихтисос) “Кори момодоягӣ”, “Кори ҳамширагӣ”, “Кори фармасевтӣ”, “Кори дандонсозӣ”, “Кори тиббию профилактикӣ” ва “Кори тиббию ташхисӣ”, Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар (1 ихтисос) “Кори табобатӣ”, Коллеҷи оташнишонӣ-техникии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара (1 ихтисос) “Бехатарӣ аз сӯхтор”, Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе (5 ихтисос) “Баркчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил”, “Челонгар оид ба таъмири муҳаррики автомобил”, “Ҳисобдор (бо донистани компютер)”, “Системаи компютерӣ ва Интернет-технология” ва “Монтёри барқӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизоти барқӣ”, Маркази минтақавии таълимӣ оид ба хавфи воситаҳои хатараноки таркандаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон”(1 барнома ва нақша таълимӣ), Коллеҷи сайёҳӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоии шаҳри Хуҷанд (2 ихтисос), Коллеҷи тиббии хусусии ноҳияи Мӯъминобод (2 ихтисос) “Кори фармасевтӣ” ва “Кори дандонсозӣ”, Коллеҷи саноат ва хизматрасониҳои иҷтимоии шаҳри Левакант аз рӯйи 6 ихтисос “Таъмини барномавии технологияи иттилоотӣ”, “Фаъолияти иҷтимоии омӯзгорӣ”, “Кори тарбиявӣ дар хонаи кӯдакон ва мактаб-интернат”, “Кори иҷтимоӣ”, “Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот дар корхонаи саноати сабук” ва “Технологияи масолеҳи дӯзандагӣ-нассоҷӣ”, Коллеҷи хусусии агросаноатӣ ва ҳунарҳои мардумии шаҳри Кӯлоб (8 ихтисос) “Технологияи масолеҳи дӯзандагӣ”, “Агрономия”, “Агрохимия, донпарварӣ ва ҳифзи растанӣ”, “Ташкили кори хоҷагии деҳқонӣ”, “Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот дар корхонаи хизматрасонии маишӣ”, “Тарроҳӣ, поракунӣ ва технологияи либос”, “Ҳисоби муҳосибӣ, таҳлил ва назорат”, “Таъмини истифодабарии техникаи кишоварзӣ” ва Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Лахш (7 ихтисос) “Забон ва адабиёти тоҷик”, “Таҳсилоти ибтидоӣ”, “Забон ва адабиёти рус”, “Забони хориҷӣ (англисӣ), “Таҳсилоти томактабӣ”, “Забон ва адабиёти тоҷик барои мактабҳои ғайритоҷикӣ” таҳия ва барои тасдиқ ба Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардид.

Дар ин давра тибқи дархости 20 ташкилоту идора, марказҳои давлативу ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар маҷмӯъ 55 барнома ва нақшаҳои таълимии курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзию забономӯзӣ (муҳлати таҳсил 1-3-6 моҳ) таҳия ва ташхис карда шуда, барои мувофиқа ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои тасдиқ ба Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Стандартҳои таълимии ихтисосҳои “Тарроҳӣ ва поракунии либос”, “Саъатшиносӣ”, “Минатюраи шарқ”, “Коркарди бадеи чӯб”,

“Маҳсулоти бадеӣ аз матоъҳои нассоҷӣ”-и Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов бинобар сабаби ба талабот ҷавобгӯ набудан барои коркарди такрорӣ баргардонида шуданд.

Дар ин замина лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ” мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ба мақомоти дахлдор хулоса ирсол гашт.

Дастури методӣ дар мавзуи “Нақшаи намунавии кори солонаи таълимию тарбиявии коллеҷҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” омода карда шуда, дар мувофиқа бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ қарор дорад.

Ба зиёда 60 нафар кормандони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ доир ба таҳияи нақша ва барномаҳои таълимии тахассусӣ ва курсҳои кӯтоҳмуддат, стандартҳои тахассусӣ дастуру маслиҳатҳо дода шуд.

**Дар самти таҳсилоти олии касбӣ** ҷиҳати амалӣ намудани раванди низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таҳияи барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯйи самт (ихтисос), нақшаҳои таълимӣ, омӯзиши вазъи методии амалишавии раванди таълим, расонидани кумакҳои методӣ, гузаронидани семинарҳои машваратӣ-дастурдиҳӣ, ташхис ва таҷдиди назар намудани барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо мақсади ворид гардидан ба фазои ягонаи байналмилалии таҳсилот, иҷрои супоришу фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳо ба анҷом расонида шуд.

Вобаста ба ин масъалаҳои «Рафти амалишавии барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаҳои таълимӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев», «Рафти иҷрои соатҳои таълимии бахши заминавии нақшаҳои таълимӣ ва қисми дуюми сарбории омӯзгорон дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода», «Омӯзиши вазъи Шурои илмӣ-методӣ ва рафти амалишавии таҳсилоти фосилавӣ дар Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб», «Рафти иҷрои кредитҳо (соатҳо)-таълимии бахши фанҳои тахассусӣ тибқи барнома ва нақшаҳои таълимӣ дар соли таҳсили 2023-2024 дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон», «Омӯзиши вазъи иҷрои кредитҳо (соатҳо)-и бахши заминавии нақшаҳои таълимӣ ва фаъолияти Шурои илмӣ-методӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур», «Рафти амалигардонии иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-августи соли 2019, №438 “Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ», «Вазъи иҷрои сарбории таълимии омӯзгорон тибқи Дастурамал оид ба таҳияи сарбории ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори ҳайти мушовараи

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.05.2023, №8/26) дар Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон», «Рафти иҷрои кредитҳо (соатҳо)-и таълимии фанҳои интихобии бахши фанҳои тахассусии нақшаҳои таълимӣ дар нимсолаи дуюми соли таҳсили 2023-2024 дар Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов», «Вазъи фаъолияти Шурои илмӣ-методӣ ва иҷрои кредитҳо (соатҳо)-и таълимии фанҳои интихобии бахши фанҳои тахассусӣ дар Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон» мавриди омӯзиш ва кумакрасониҳои методӣ қарор гирифт.

Ҳангоми омӯзиши масъалаҳои дар боло зикргардида мушкилоти зерин ба назар расида, ҷиҳати бартараф кардани онҳо чунин пешниҳод мегардад;




Дар давраи ҳисоботӣ дар самти таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ аз рӯйи **194** ихтисоси зинаи таҳсилоти бакалавр, аз ҷумла барои таҳсили рӯзона **106** ихтисос, таҳсили фосилавӣ **66 ихтисос,** ғоибона **22** ихтисос, таҳсилоти магистратура аз рӯйи **38** ихтисос ва зинаи доктор PhD**,** доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи **30** ихтисос (дар **маҷмуъ аз рӯйи 262** ихтисос) **нақша ва барномаҳо** барои ташхис пешниҳод гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (760) **498** барнома ва нақша кам мебошад. Аз ин теъдод аз рӯйи **228** ихтисос барнома ва нақшаҳои таълимӣ пас аз ташхису мувофиқа барои тасдиқ ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод гардида, **34** ҳуҷҷат барои коркарди дубора ба муассисаҳои таълимӣ баргардонида шуд.



Тибқи супориши муовини вазир дар ҳамкорӣ бо мутасаддиёни раёсати таълими Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ лоиҳаи барнома ва нақшаи таълимии шакли таҳсили дуалӣ (шабона ва рӯзона) барои донишҷӯёни равия ва ихтисосҳои омӯзгорӣ таҳия ва барои мувофиқа ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Вобаста ба таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ **7 семинар-машваратӣ дастурдиҳӣ** бо иштироки 222 нафар гузаронида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (8 семинар, 242 нафар) 1 семинар ва 20 нафар иштирокчӣ кам мебошад.




Ҳангоми гузаронидани семинар-машваратҳои дастурдиҳӣ дар мавзуъҳои “Муқовимат бо омилҳои коррупсионӣ” ва “Роҳҳои пешгирӣ аз шомил шудан ба ҳизбу созмонҳои террористӣ ва экстремистӣ”, “Танзиму анъана ва ҷашну маросимҳо”  низ бо иштирокчиёни семинар сӯҳбат гузаронида мешавад.

**Ҷиҳати амалӣ намудани фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9.02.2024, №157 «Оид ба анҷоми соли таҳсили 2023 - 2024**, аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» маводи аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидани хонандагони синфи 10 (тест аз фанни химия барои равияи табиӣ- риёзӣ), “Маводи аттестатсия аз фанни химия барои синфи 10” иборат беш аз 500 супоришҳои тестӣ ва 6 номгӯй маводи аттестатсияи хатм барои синфҳои 9-11 (равияҳои умумӣ, табиӣ - математикӣ, ҷамъиятӣ - гуманитарӣ ва технологӣ), “Маводи аттестатсияи хатми синфи 9”, “Маводи аттестатсияи хатм аз фанни алгебра барои синфи 9”, “Маводи аттестатсияи хатм аз фанни алгебра барои синфи 11”, Маводи аттестатсия аз фанни химия барои синфи 11 (равияҳои умумӣ, табиӣ-математикӣ ва технологӣ), “Тест аз фанни ҳуқуқи инсон барои синфи 11” (равияи ҷамъиятӣ - гуманитарӣ) таҳия гардид.

Тест яке аз шаклҳои озмудашудаи аттестатсия маҳсуб ёфта, Марказ тасмим гирифтем, ки аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ( химия дар равияи табиӣ- риёзӣ дар синфи 10) ва хатмро дар синфи 11 аз фанҳои

химия ва ҳуқуқи инсон дар равияҳои таълим ба тариқи тестӣ ба роҳ монад.

Вобаста ба иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 31 январи соли 2020, №1445 "Бистсолаи рушди омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон гардидани солҳои 2020-2040 бо истифода аз таҷрибаи омӯзгорони фанҳои дақиқ,табиатшиносӣ ва риёзӣ 12 дастур ва тавсияҳои методӣ, аз қабили "Маҷмуи масъалаҳои тестӣ аз фанни химия"(барои хонандагони синфи 8)", "Химия ва хонанда" ( аз таҷрибаи ибратбахши омӯзгори фанни химияи муассисаи таҳсилоти умумии №20 - и ноҳияи Варзоб),"Машъалафрӯз", "Истифодаи методҳои инноватсионӣ дар таълим – гарави баланд бардоштани сифати таьлим", "Хадамоти методӣ- ташаккулдиҳандаи маҳорати касбии омӯзгор" таҳия ва дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонида шуд, ки нисбат ба соли таҳсили 2022-2023 4 адад зиёд мебошад.

Бахшида ба эълон гардидани соли 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» 14 семинар - машварати омӯзишӣ-дастурдиҳӣ дар мавзуъҳои "Рушди муттасили касбии омӯзгор-тақозои замони муосир", "Истифодаи самараноки тест дар раванди дарс", "Тест ва шаклҳои он ", "Риояи меъёри баҳогузорӣ ба тест", «Омӯзиш,баррасӣ ва паҳн намудани таҷрибаи ибратбахши омӯзгорӣ», «Роҳҳои пешгирӣ аз рух додани амалҳои коррупсионӣ» бо муовинони директор оид ба таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳрҳои Душанбе, Турсунзода ва ноҳияҳои минтақаи Бохтари вилояти Хатлон гузаронида шуд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 3 семинар ва 81 нафар омӯзгор зиёд мебошад.

Яке аз самтҳои фаъолияти Марказ чопи мақолаву дастур ва маводи методӣ ба хотири кумакраонӣ ба омӯзгорон маҳсуб ёфта, маҷаллаи методию маърифатии «Субҳи умед» дар соли 2024 ҷамъ 123 мақола дар самтҳои машғулиятҳои риёзӣ (16 мақола), забономӯзӣ (16 мавод), таҳкими омӯзиши забони тоҷикӣ ва рушди нутқ (6 мавод), маслиҳатҳои равоншиносӣ (6 мавод), маслиҳат ба волидон (12 мақола), бозиҳои варзишӣ (12 мақола), бозиҳои ҳунарӣ (6 мақола), машғулияти муолиҷавӣ (7 мавод), дар бораи фаъолияти мураббиён ва кӯдакистонҳо (9 мақола), машғулиятҳо доир ба ҷалб намудани кӯдакон ба фолклор (12 афсона), силсила шеърҳои адибони маъруфи тоҷик, табиати Тоҷикистон (12 мақола), барои тарбияи ватандӯстӣ, дастури методӣ-таълимии «Бозиҳои риёзӣ барои кӯдакон» (14 машғулият)-ро ба чоп расонид.

Маҷаллаи «Масъалаҳои методикаи таълим» бошад дар ин давра 209 мақола ба нашр расонид, аз ин 160 мақола таълимӣ-методӣ, 45 мақола ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» бахшида шудааст.

Марказ ба мақсади дастрасии бештари омӯзгорон ба маводи таълимӣ, нақшаву барномаҳои таълимӣ ва бархӯрдорӣ аз навгониҳои соҳа саҳифаи интернетӣ таҳти унвони «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ» боз кард

ва дар он мунтазам ба кормандон дастуру маслиҳат ва кумакҳои методӣ расонида мешавад. Илова ба ин тариқи ин саҳифа ҳама маводу дастурҳои методӣ ва маводи иловагии таълимие, ки мавҷуд аст, дар шакли электорнии PDF дастраси кормандони соҳа ва омӯзгорни фаннӣ гардонида мешавад.

Илова ба ин ба мақсади тақвиятбахшии забондонии аҳолӣ, махсусан ҷавонон бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.10.2024, №15/41 «Барномаҳои таълимӣ барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ тибқи низоми байналмилалии забондонӣ» таҳия ва тасдиқ гардид.

Ҳамзамон, ба мақсади таҳияи барномаҳои таҳсилотӣ ва нақшаи таълимӣ (намунавӣ) тибқи низоми дуаклӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ (равияи омӯзгорӣ) тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.12.2024, №1416 гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд.

Марказ вобаста ба иҷрои дастуру супоришҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти аз таҷрибаи кормандон ва омӯзгорони собиқадори соҳа як зумра дастурҳои методӣ ва маҷмуи мақолаҳоро омода намуд, ки онҳо масъалаҳои рақамикунонии соҳаи маорифро ҳамчун талаботи замон дар самти барномасозӣ, кор бо технологияи компютерӣ зимни дарси муосир, кумак ҳангоми ҳалли мисолу масъалаҳо аз фанҳои математика, химия, физика ба омӯзгорон ва хонандагон, истифодаи таҷрибаҳои пешқадами педагогӣ бо истифода аз усулҳои гуногуни муфид ва дастрас, роҳнамоҳо дар самти содда ва дастрасии бештар ба омӯзгорони фанниро дар бар гирифта, ба беҳдошти раванди таълиму тарбия, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва дараҷаи дониш азхудкунии хонандагон мусоидат менамоянд. Ҳуҷҷатҳои мазкур дар мувофиқа бо вазири маориф ва илм аз 21.11.2024, №466 ҷиҳати чоп ба КВД «Комбинати полиграфӣ» фиристода шуданд.

Вобаста ба ҳалли мушкилоти ҷойдошта Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ вазифадор карда шавад:

- ҷиҳати таҳияи дастурҳои методии мувофиқ ба хусусиятҳои синнусолӣ ва равонии кӯдакони синни томактабӣ ва дастрасии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои муассисаҳои томактабӣ тадбирҳои амалӣ андешад;

- ҷиҳати фаъолияти самарабахши хадамоти методӣ дар раёсат (шуъба)-ҳои маориф ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тадбирҳои иловагӣ андешида, онҳоро бо дастуру тавсияҳои методӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ таъмин намояд;

- дар ҳамкорӣ бо Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомузии кадрҳои соҳаи маориф ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2020, №526 "Дар бораи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" Дастурамал ва меъёрҳои баҳогузории 10-холаро ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон барои ҳама намуд муассисаҳои

таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва барои тасдиқ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намояд;

- ҷиҳати мутобиқ гардонидани ихтисосҳои ба ҳам наздики муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва кам кардани фарқияти фанҳои академӣ ҳангоми интиқоли донишҷӯ аз муассисаи таълимӣ ба дигар муассисаи таълимӣ пешниҳод манзур намояд;

- ба мақсади омода намудани мутахассиссони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат, ҷиҳати аз ҳисоби кредитҳои бахши заминавӣ зиёд намудани кредитҳои тахассусии нақшаҳои таълимӣ бо назардошти самти таҳсилот пешниҳод манзур намояд.

Директор Ш. Каримзода